# 23 00 00 СИЁСАТШИНОСӢ
# 23 00 00 ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ
# 23 00 00 POLITICS SCIENCES

## 23.00.04 ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПРОБЛЕМЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ, ГЛОБАЛЬНОГО И РЕГИОНАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ
## 23 00 04 POLITICAL PROBLEMS OF INTERNATIONAL RELATIONS, GLOBAL AND REGIONAL DEVELOPMENT

***УДК 327***
***ББК 66.4***

### *БАРДОШТҲОИ СУННАТӢ ВА НАВГАРО ДАР ТАҲЛИЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН*

***Мамадқулова Раъно Олимовна,***
*ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ-иҷтимоии Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон (Тоҷикистон, ш. Бӯстон)*

### *ТРАДИЦИОННЫЕ И ИННОВАЦИОННЫЕ ПОДХОДЫ К ИЗУЧЕНИЮ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА*

***Мамадкулова Раъно Олимовна,***
*ассистент кафедры гуманитарно-социальных наук Горно-металлургического института Таджикистана (Таджикистан, г. Бустон)*

### *TRADITIONAL AND INNOVATIONAL APPROACHES TO THE STUDY OF FOREIGN POLICY OF TAJIKISTAN*

***Mamadkulova Ra`no Alimovna,*** *assistant of the department of Humanities and Social Sciences of the Institute of Mining and Metallurgy of Tajikistan (Tajikistan, Sughd Viloyat, Buston)*
***E-MAIL:*** *nehan nehan @mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *асосҳҳои назариявӣ-методологӣ, дараҷаҳои таҳлил, субъект, бозингарони муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатияи бисёрққутба, сиёсати «дарҳои кушод»*

*Дар мақола мазмуну мӯҳтавои асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи сиёсати хориҷии давлат бозгӯ мешавад. Муаллифи мақола мавқеи мактабҳои асосии назарияи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷиро таҳлилу баррасӣ намуда, диққати хешро ба сатҳу дараҷаи таҳлили сиёсати беруна, таносуби манфиатҳои миллӣ ва сиёсати хориҷии мамлакат дар замони муосир, таъсири омилҳои дохилию берунӣ ба ташаккули сиёсати хориҷии давлат, аз ҷумла сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона намудааст. Муаллиф ҳамчунин кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявии дипломатияи бисёрқутба ва сиёсати «дарҳои кушод»-ро мавриди арзёбӣ қарор диҳад.*

***Ключевые слова:*** *теоретико-методологические основы, уровни анализа, субъект, агент и контрагенты международных отношений, многовекторная дипломатия, политика «открытых дверей»*

*Раскрывается содержание теоретико-методологических основ исследования внешней политики государства. Анализируется позиция основных школ теории международных отношений и внешней политики, акцентируется внимание на уровнях анализа внешней политики, соотношении национальных интересов и внешней политики государства на современном этапе, влиянии внутренних и внешних факторов на формирование внешней политики современного государства, в частности внешней политики Республики Таджикистан. Также сделана попытка проанализировать теоретические основы многовекторной дипломатии и политики «открытых дверей» Таджикского государства.*

***Key-words:*** *theoretical and methodological bases, levels of analysis, subject, agent and counter-agent of international relations, multivector diplomacy, "open door" policy.*

*The article dwells on theoretico-methodological grounds dealing with investigation of state foreign policy. The author analyzes the position of major schools of the theory of international relations and foreign policy, she focuses attention on the levels of analysis relating to foreign policy, correlation of national interests and state foreign policy at the contemporary stage, influence of internal and external factors over a formation of foreign policy of a contemporary state, in particular, that one pursued by Tajikistan Republic. An endeavor is made to analyze in details such factors resorted to by the Tajik state as multivector diplomacy and "open doors" policy.*

Дар замони муосир ташаккул ва инкишофи сиёсати хориҷии давлатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз равандҳои душвор ва мураккабе мебошад, ки инкишофи он бахри пешрафти муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангиву сиёсӣ ва мақомотҳои давлатӣ равона карда шудааст.

Таваҷҷӯҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба омӯзиши сиёсати хориҷӣ ва ҳамкории давлатҳо дар соҳаи экологӣ, таъмини сулҳ, пешгирии ҷиноятҳои трансмиллӣ равонааст, ки онҳо мақсади сулҳҷӯёна доранд. Дар ин самт захираи ҷиддии донишҳои хусусияти мушаххаси таърихӣ дошта имконият медиҳад, ки ба фаҳмиши нави назариявии проблемаҳои сиёсати хориҷӣ рӯ орем. Вобаста ба ин ақидаи Д.Х.Самеев чунин аст, ки донистани чунин равишу бардоштҳо ба донишмандон ва алоқамандони сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар сарфаҳм рафтан ба механизм ва вижагиҳои сиёсати хориҷии кишвар чун пойгоҳи назариявӣ ва методологӣ хизмат хоҳад кард, ки он бахри инкишофи муносибатҳои байналмилалӣ равон карда шудааст[4, с. 6].

Имрӯз ҳадафҳои сиёсати ҳориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд дар консепсияи нави сиёсати хориҷии кишвар чунин омадааст: «Ҳадафи аслӣ ва асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат ҳифзи манфиатҳои стратегии кишвар дар арсаи байналмилалӣ буда, он аз тариқи фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори ҳамаҷонибаи мамлакат, мусоидат ба таҳкими беш аз пеши пояҳои истиқлолияту соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ва кӯшишҳои пайгирона ҷиҳати

дарёфти ризоият ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии кишвар амалӣ мегардад» [3, с. 3].

Дар ин робита эҳёи чунин самти амалӣ дар омӯзиши сиёсати хориҷӣ аз қабили Foreign PolicyAnalisys (FPA) намуна шуда метавонад, ки давраи шукуфоии он ба солҳои 1950-1970 рост омад ва баъди он дар инкишофи вай фосилае ба миён омад, ки сабабаш редуксионизми равишҳои вай ва даст кашидан аз истифодаи муқаррароти назариявӣ дар чаҳорчӯбаи назарияҳои воқеъгароӣ ва ормонгароӣ буд. Тавре ки маълум аст, яке аз хидматҳои бузурги воқеъгароии сиёсӣ он буд, ки ҷонибдорони мактаб «манфиатҳои миллӣ»- ро ба ҳайси абзори асосии таҳлил ба кор бурданд ва оҳанги истидлоли рафтори кишварро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ муайян мекарданд. Ва агар дар амалия мафҳуми reason d' Etat аз замони кардинал Ришелйе ва Фридрихи Дувум маълум буд, пас дар назарияи равобити байналмилал баъди нашри китоби Ҳанс Моргентау «Сиёсати миёни миллатҳо. Мубориза барои қудрат ва сулҳ» маъруф гашт, ки ӯ манофеи миллиро бо қудрат ҳаммаъно меномид ва ягона ниёзҳои мафҳумӣ, ягона меъёри муҳокима, ягона усули амал медонист [5, с. 104].

Баъдан ягон тадқиқоти ҷиддӣ дар боби сиёсати хориҷӣ бе таваҷҷӯҳ ба ин мафҳум дар кадом сатҳе, ки набошад, анҷом наёфтааст. Воқеъгароён ҳукми хешро аз мавқеи азалӣ ва бетағйир будани усули асосии сиёсати хориҷӣ – талоши кишварҳо бахри афзун гардондани нерӯи хеш дар шароити ҷаҳони беназм ва ноамн, ногузирии рақобат, зарурати риояи усули тавозуни қувва дар байни кишварҳои қудратманд устувор кардаанд. Мундариҷаи манофеи миллӣ ба андешаи воқеъгароён, пеш аз ҳама таъмини амнияти кишвар ҳамчун шарти асосии рушди иқтисодист. Албатта ин мафҳум мазмун ва мундариҷаи бештареро фаро гирифтааст, тавре ки дар консепсияи сиёсати хориҷии кишвари мо омадааст: "Консепсия манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ифода мекунад, ки онҳо дар марҳилаи кунунӣ ваояндаи наздик аз инҳо иборатанд: - ҳимоя ва таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он; эҷоди намари амният ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои кишвар; - инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила; - фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар; - таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар; - таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар; - тақвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд; - мусоидат ба фаъолияти созанда ва қонунии ҷамъиятҳои тоҷикон ва ҳамватанон дар кишварҳои дигар» [3, с. 4-5].

Дар навбати худ, амният аз мавқеи кишвар дар низоми байналхалқӣ дар робита бо кишварҳои дигар вобаста аст. Худи ин вазъ бо суроби умумии қувваҳо, яъне тақсими қудрати низомии кишварҳо муайян карда мешавад. Аз ин нигоҳ сиёсати хориҷиро қудрати кишвар, тавони муқовимат ба таҳдидоти беруна ва ҳифзи тавозуни қувва муайян мекунад.

Мавҷудияти манофеи миллӣ ва нақши онҳоро дар сиёсати хориҷии кишвар ҷонибдорони мактаби либералӣ низ эътироф карда, ҳамзамон тасдиқ мекунанд, ки

асоси манофеи миллӣ ва, гузашта аз он, сиёсати хориҷиро на «ҳадафҳои азалии кишварҳо», балки тарҷеҳи афрод ташкил медиҳад. Маҳз фардҳо ва гурӯҳи афрод бозигарони аслии сиёсат дар маҷмуъ ва, аз он ҷумла, сиёсати хориҷианд. Афрод оқилона рафтор мекунанд, аз ин рӯ онҳо кӯшиш мекунанд, ки манфиатҳои худро ба хотири расидан ба рифоҳ, дар он шакле ки мепиндоранд, пеш баранд. Вақте онҳо манфиатҳои худро ба тасҳил қонеъ гардонда наметавонанд, ин вазифаро ба дӯши давлат мегузоранд, ки маҳз ба ҳамин мақсад бо роҳи ризоияти иҷтимоӣ (аҳдномаи ҷамъиятӣ) бунёд шудааст. Либералҳо бархилофи воқеъгароён муътақиданд, ки давлат дар нисбати ҷомеаи шаҳрвандӣ бозигари мухтор набуда, балки ба хотири хидмат ба манфиатҳои хусусӣ таъин шудааст. Ин амрро метавон дар нисбати сиёсати хориҷӣ ҳам сидқ кард, ки дар он давлат ҳаққи пешбурди он манфиатҳои хусусиеро дорад, ки афрод онҳоро бо қувваи худ ҳифз карда наметавонанд. [6].

Гуфтанист, ки мактабҳои назариявии зикршуда равишҳои умумӣ, асосҳои методологии таҳлили сиёсати хориҷиро пешниҳод мекунанд, ки бешубҳа барои дарки хусусияти шаклгирии сиёсати хориҷӣ, татбиқ ва баҳодиҳии самаранокии он кофӣ нест. Аллакай дар солҳои 50-ум дар ҷараёни танқиди назарияҳои суннатии равобити байналмилал барои ҷамъбандиҳои ё натиҷагириҳои умумӣ, ки санҷишнопазиранд, барои нокифоя будани хулосаҳои хусусияти амалӣ дошта, аз як тараф ва афзудани таваҷҷӯҳ ба методҳои илмӣ аз тарафи дигар, асарҳое нашр мешаванд, ки зарурати роҳҳои ворид шуданро ба «ҳарамгоҳ» - и сиёсати хориҷӣ асоснок ва пешниҳод мекарданд. Дар ин қаринаи ақлонӣ ё интеллектуалӣ риштаи хоси илмии амалӣ – таҳлили сиёсати хориҷӣ (foreign Policy Analisys) зуҳур кард, ки кӯшиши амалигардонӣ ё воқеигардонии мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» ва берун рафтан аз тафсири давлат ё кишвар ҳамчун бозигари ягонаи сиёсати хориҷӣ, шарҳи сабабҳои фарқи байни рафторҳои кишварҳо дар саҳнаи байналмилалӣ, ки шароит ва имкониятҳои ҳамсон доранд, ва ниҳоят эҷоди назарияи сиёсати хориҷиро ҳамчун самти мустақили тадқиқот дошт.

Агар равиши суннатӣ ба таҳлили сиёсати хориҷӣ аз он бармеомад, ки кишвар ҳамчун бозигари ягона аст ва таваҷҷӯҳи бештар ба печу хами ҳамкориҳои вай бо муҳити атроф дошт, пас таҳлили сиёсати хориҷӣ таъкид ба он дорад, ки давлат таҷриде (абстраксия) беш нест ва сиёсат натиҷаи фаъолияти инсонҳост, аз ин рӯ маҳз одамон бояд объекти асосии таҳлили сиёсати хориҷӣ бошанд. Дар ин ҳол маркази сиқли таҳлил бояд аз зуҳурёбиҳои берунии фаъолиятҳои зикршуда ба сарчашмаҳои он – ба вижагиҳои раванди омодашавии онҳо кӯчонда шавад. Ба ибораи дигар таваҷҷӯҳи асосӣ ба шахсони қабулкунандаи қарорҳо ва вижагиҳои раванди таҳияву қабули қарорҳо равона карда шавад. Аз ибтидо ба таҳлили сиёсати хориҷӣ идеяҳои алоқаманд ба мутлақгардонии се амр хос буд: таваҷҷӯҳи асосӣ ба зуҳурёбиҳои мушаххаси сиёсати хориҷии давлат; ошкор сохтан ва тафсир намудани сабабҳои бевоситаи рафтори хориҷии давлат, ки дар вижагиҳои қабули қарорҳо ниҳонанд; самти амалии тадқиқот, ҳадафгирӣ ба таҳияи тарҳҳои муносибтарини шаклгирии қарорҳои сиёсати хориҷӣ.

Бори нахуст ин идеяҳоро донишмандони амрикоӣ Ричард Снайдер, Хенри Брук ва Бертон Сапин дар асари дастаҷамъонаи худ «Қабули қарорҳо ҳамчун равиши омӯзиши сиёсати байналмилал» (1954) асоснок карда буданд [7, p. 33].

Дар соли 1960 Ҷеймс Розенау дар мақолааш бо номи «Пешназария ва назарияи сиёсати хориҷӣ» (Pretheories and Theories of Foreign Policy) зарурати инкишофи

таҳлили сиёсати хориҷиро ҳамчун навъи хоси назарияи сатҳи миёна таъкид карда буд, ки мебоист иттилоотро дар чанд сатҳ – аз пешвоёни инфиродӣ то низоми байналмилалӣ муттаҳид намояд ва имкониятҳои тадқиқоти эмпирикиро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ таъмин кунад.

Яке аз пайравони мактаби мазкур В. Хадсон дар мақолаи дар шумораи нахустини маҷаллаи «Foreign Policy Analisys» чопшудааш таъкид мекард, ки мазрааи омӯзиши таҳлили сиёсати хориҷӣ ба раванди қабули қарорҳо меорад ва дар он ашхосе иштирок доранд, ки соҳиби захираҳои қудратӣ ҳастанд, яъне намояндагони расмии ҳукумати кишвари миллӣ мебошанд. [8, p. 30].

Сухан аз он меравад, ки чаро ва дар кадом шароит ин шахсон масъалаи марказии сиёсати хориҷиро мефаҳманд, авлавиятҳои қарорҳои онро муайян мекунанд, ҳадафҳои мутобиқро шакл медиҳанд, интихоби воситаҳоро баҳо медиҳанд ва амсоли инҳо. Гуфтанист, ки таҳлили сиёсати хориҷӣ – тадқиқи кадом як қарори алоҳида ё набудани онро не, балки маҷмӯъ ва пайдарҳамии қарорҳои дар ин ё он шароити мушаххас қабулшударо пешбинӣ менамояд. Дар ин ҳол аз таҳлил амалҳо ва қарорҳои тасодуфӣ ва ғайримақсаднок ва ҳам онҳое, ки ба сиёсати байналхалқӣ дахл надоранд, берун карда мешаванд.

Ба ғайр аз махсусиятҳои зикршудаи таҳлили сиёсати хориҷӣ Хадсон инчунин ба чунин усули таҳлил аз қабили чандомилӣ, бисёрриштаӣ, ҳамгароӣ ишора мекунад. Яке аз усулҳои таҳлили сиёсати хориҷӣ боз он аст, ки одамон дар чаҳорчубаи тадқиқоти мазкур ба ҳайси намоянда ва манбаъҳои тамоми тағйирот дар соҳаи сиёсати байналхалқӣ баромад мекунанд. Бояд кайд кард, ки Хадсон ба сифати асли муҳимтарини таҳлили сиёсати хориҷӣ таваҷҷӯхро ба хусусияти мушаххаси иштирокдорони раванди қабули қарорҳои сиёсӣ мансуб донистааст. Усули зикршуда ба андешаи Хадсон ба таҳлили сиёсати хориҷа нисбат ба равишҳои дигар бартарии зиёд медиҳад. Бартарии аз ҳама муҳим он аст, ки имконияти таҳлили эмпирикии сиёсати хориҷиро медиҳад. Дар воқеъ тадқиқоти пайравони таҳлили сиёсати хориҷӣ хеле босамар буда, илмро бо методикаҳои нав ва хулосаҳои арзишманд ғанӣ гардонданд. Аз ҷумла, истифодаи дастовардҳои равоншиносии сиёсӣ имкони исботи онро дод, ки дар шароити муайян хусусиятҳои фардии шахсони қарор қабулкунанда – эътиқод, худбаҳодиҳӣ ва арзишҳо, ҳиссиёт, оҳанги рафтор – метавонанд барои таҳияи сиёсати хориҷӣ оқибати бӯҳронӣ дошта бошанд. Таҳқиқи нақши пазироӣ ва образҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ошкор кард, ки пазироии дурӯғин оқибатҳои ҷиддӣ дорад ва метавонад боиси амалкарди ғайриоқилонаи образи стереотипии «душман» шавад. Хулосаи муҳим он буд, ки созмонҳо ва дастгоҳи идорӣ бақои хешро ҳамчун авлавияти олӣ арзёбӣ мекунанд, зеро созмон доираи нуфуз ва манзалати хешро шадидан ҳифз хоҳад кард ва тавсеа хоҳад бахшид. Ҳамчунин ошкор гардид, ки манофеъ ва аҳдофи ниҳонии иштирокчиён ба натиҷаи қарори қабулшуда таъсир мерасонанд. Равшан шуд, ки ҳангоми иштироки гурӯҳи одамон дар қабули қарор мулоҳизоти корпоративизм, оҳанги ҳифзи созиши гурӯҳӣ қодиранд сифати қабули қарорҳо ва ҳамчунин сифати сиёсати хориҷиро коҳиш диҳанд.

Дар чаҳорчӯбаи таҳлили сиёсати хориҷӣ базаи маълумотҳо бо образҳои навъҳои шахсони қарорқабулкунанда вобаста ба вазъ ва мақоми ишғолкардаашон дар саҳнаи дохилии сиёсати хориҷӣ, инчунин типҳои амалҳои инфиродӣ ва гурӯҳии эҷодкунандагони сиёсат дар рафти қабули қарор ҷамъ оварда шуд. Бо ҳамин таҳлили сиё-

сати хориҷӣ ба ғанигардии илми муносибатҳои байналхалқӣ бо методикаҳои амалӣ мусоидат карда, на танҳо аҳамият, балки имконияти мутолиоти эмпирикиро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ нишон дод. Таҳлили сиёсати хориҷӣ сохторҳои алоҳидаи давлатиро, ки дар раванди қарорҳои сиёсати хориҷӣ ва ҳамкориҳои байнидавлатӣ таъсир мерасонанд, объекти тадқиқоти худ қарор дода ва ба илова, муассисаҳои ғайридавлатиро (корхонаҳо, ширкатҳо ва созмонҳои хусусӣ) ба майдони таҳлил кашида, таваҷҷӯҳи олимонро ба масъалаи бозигарони сиёсати хориҷӣ бештар кард ва нишон дод, ки аҳамияти онҳо танҳо побанди нақши робитаҳои байни кишварҳо нест.

Ҳамзамон бояд эътироф кард, ки даъвоҳои ҷонибдорони таҳлили сиёсати хориҷӣ баҳри эҷоди назарияи амалии сиёсати хориҷӣ, ки коромади ҳамаи миллатҳо ва замонҳо бошад, ноқобил баромад. Бо вуҷуди арзишмандии сифатҳои инфиродии шахсони қабулкунандаи қарор онҳо болотар аз мақоми ҳокимиятӣ ва нақши ба он алоқаманд дар шаклдиҳии сиёсати хориҷӣ нестанд [1, с. 13].

Таҳлили сиёсати хориҷӣ бо таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа ба ашхоси мушаххас ва гурӯҳҳои хурд ногузир нақши ниҳодҳо ва гурӯҳҳои калони муташаккилро дар шаклдиҳии сиёсати хориҷӣ нодида мегирад. Дар ниҳояти кор кӯчиши таваҷҷӯҳ ба сифатҳои равонии шахс дар раванди қабули қарорҳо сиёсати хориҷиро ба ҷузъҳо тақсим карда онро ҳамчун раванди ягонаи ташаккул, татбиқ ва баҳодиҳии самаранокӣ бо коррек-сияи минбаъда ва амсоли инҳо аз назар дур мекунад. Зеҳнигардонии мафҳуми «манфиатҳои миллӣ» ҳам ба фаҳмиши сиёсати хориҷӣ ҳамчун раванди том мусоидат намекунад.

Ҳамаи ин имкониятҳои таҳлили сиёсати хориҷиро дар мутолиаи масоили сиёсати хориҷӣ маҳдуд кунад ҳам, нақши мусбати онро бекор намекунад. Хидмати муҳими таҳлили сиёсати хориҷӣ аз ҷумла он буд, ки таваҷҷӯҳи муҳаққиқонро ба қаринаи иҷтимоие, ки дар он шахсони қабулкунандаи қарор амал мекунанд ва бо як қатор омилҳо – фарҳанг, таърих, ҷуғрофиё, иқтисод, ниҳодҳо, идеология, демография шакл гирифтааст, бештар кард. Ба илова, таҳлили сиёсати хориҷӣ яке аз масъалаҳои марказии илми равобити байналмилал – масъалаи таносуби бозигар (agent) ва сохтор (structure)-ро дар таҳлили сиёсати хориҷӣ мубрам гардонд.

Масоили зикршуда барои чунин ҷараёни назариявӣ, назири конструктивизм ҳам марказӣ буда, ҷонибдорони он ба дарёфти мутобиқати оптималии байни муқарраротӣ методологӣ ва таҳлили амалии сиёсати хориҷӣ кӯшиш доранд. Ин амр дар мавриди мафҳуми калидии сиёсати хориҷӣ – манофеи миллӣ (national interest) сидқ мекунад. Конструктивизм бо эътирофи робитаи зичи байни сиёсати хориҷии кишвар ва манофеи миллӣ аз он бармеояд, ки асоси манфиатҳоро худшиносӣ (identity) **ё** ҳувият ташкил медиҳад: манфиатҳо шинохтро тақозо доранд, чун бозигар агар худро шиносад, медонад, ки чи мехоҳад. Шинохти миллӣ ба интихоби ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ таъсир расонда ба мушаххасгардонии авлавиятҳои он мусоидат мекунад. Ҳамзамон вай ҳамчун арзише пазируфта мешавад, ки бояд ҳифз кард ва пеш бурд. Маҳз дар ҳамин ду ҷанба вай ба унсури асосии фаҳмиши манофеи миллӣ табдил меебад. Фаҳмиши конструктивии манфиатҳои миллӣ, ба ҳамин наҳв, аз фаҳмиши воқеъгароёнаи манфиатҳои миллӣ фарқ дошта чун падидаи ошкор ва мушаххас ба назар мерасад, ки сохтор ва ҳатто мавҷудияти он метавонад тағйир ёбад, чун манфиатҳои миллӣ натиҷаи раванди сиёсианд. Яке аз вазифаҳои аслие, ки конструктивизм барои таҳлили сиёсати хориҷӣ пешниҳод мекунад, - муттаҳид

сохтани ҳамаи сатҳҳои пажӯҳиш дар маҷмуи ягона – вазифаест, ки дар чаҳорчӯбаи FPA ҳал нашуда монд. Ва бояд эътироф кард, ки вазифаи хело душвор ва мураккаб ҳам ҳаст. Воқеан дар ҳар як шароити мушаххас механизми ба ҳам пайвастани сатҳҳо тағйир хоҳад ёфт. Рӯйдодҳои куллии ҷаҳони муосир эҷодкунандагон ва таҳиягарони сиёсати хориҷиро ба зарурати таҷдиди назар ба усули асосии шаклдиҳӣ ва татбиқи сиёсати хориҷӣ рӯ ба рӯ кард. Аҳамияти равандҳое, ки ба мундариҷаи андозаи арзишҳо ва идеалҳои (ормонҳо)-и миллии мутаассир ба тасаввуроти ҷомеа оид ба нақш ва мақоми кишвари хеш дар саҳнаи ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд, афзуда истодааст.

Афзоиши гуногунрангии ҷаҳони муосир зарурияти шаклдиҳии «сиёсати нави хориҷӣ» - ро, ки ба мадди аввал на масъалаи рақобат ва ҳокимият, балки идораи сотсиуми ҷаҳониро мегузорад, пеш овард. Солҳои пешин сиёсат ҳамчун мубориза барои қудрат ва пешвоӣ баррасӣ шуда ба равандҳои дезинтегратсионӣ мусоидат кард, ки дар даврони ҷаҳони дуқутбӣ иникоси воқеии худро ёфт. Имрӯз шароит тағйир кард ва сиёсатро бояд дар маънии аввалиаш – сиёсати идоракунӣ ва ҳамчун фаъолияти муштараки ҳамаи иштирокдорони раванди сиёсии ҷаҳонӣ (кишвар ва бозингарони ғайрикишварӣ) тасаввур кард, ки бо ҳадафҳо ва вазифаҳои умумӣ муайян карда мешавад ва ба танзими мушкилоти аслии ҷомеаи ҷаҳонии муосир мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, бо назардошти таҳлилҳои пешниҳодшуда категорияи «сиёсати хориҷӣ»- ро метавон ҳамчун механизми танзими робитаҳои байнидавлатӣ тавсиф намуд, ки бо василаҳои гуногун амалӣ мегардад ва интихоби онҳо аз дараҷаи соҳибихтиёрии ин ё он кишвар вобастагӣ дорад ва бо тамоилҳои асосии рушди глобалӣ (ҷаҳонишавӣ, шаклгирии сохторҳои абармиллӣ, эҷоди ҷаҳони бисёрқутбӣ, болоравии нуфузи ширкатҳои фаромиллӣ ва ғайра) робитаи зич дорад.

***Пайнавишт:***

*1. Внешняя политика: вопросы теории и практики / Материалы научного семинара. Науч.ред. П.А. Цыганков. – М., 2009. – 231 с.*

*2. Внешняя политика России в условиях глобальной неопределенности: монография / под ред. П.А. Цыганкова. - М., 2015. - 280 с.*

*3. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст*

*4. Самиев Х.Т. Сиёсати хориҷии кишвари соҳибихтиёр дар шароити табдилиравобити байналмиллалии муосир: мубрамият ва таҳлили назариявӣ // Вестник ТНУ. Душанбе.-С. 6-11.*

*5. Morgenthau H. Politics among nations. The struggle for power and Pease.– NY., 1955.*

*6. Moravcsik A. Taking Preferences Seriously. A Liberal Theory of International Politics // International Organization. 51. Automne 1997.*

*7. Snyder R., Bruck H. and Sapin B. Decision making as an Approach to the Study of International Politics. – New York: Free Press, 1954.- 238 p.*

*8. Valerie M. Hadson. Foreign Analysis : Actor – Specific Theory and the Ground of International Relations// Foreign Policy Analysis, 2005*

***Reference Literature:***

1. *Foreign Policy: Issues of Theory and Practice. Materials of Scientific Seminar. Scientific editor: P. A. Tsygankov. – M., 2009. – 231 pp.*
2. *Foreign Policy of Russia under the Conditions of Global Uncertainty: monograph // under the editorship of P. A. Tsygankov. – M., 2015. – 280 pp.*
3. *Conception of Foreign Policy of Tajikistan Republic. Taken from Tajikistan Republic President's Fiat from January 27, 2015, N 332 (in Tajik)*
4. *Samiyev. Kh. T. Foreign Policy of Independent State under the Conditions of Changed International Ties of Contemporaneity: Actualness and Theoretical Analysis // Bulletin of TNU (Tajik National University). Dushanbe. – pp. 6 – 11.*
5. *Morgenthau H. Politics among Nations. The Struggle for Power and Peace.– NY., 1955.*
6. *Moravcsik A. Taking Preferences Seriously. A Liberal Theory of International Politics // International Organization. 51. Automne 1997.*
7. *Snyder R., Bruck H. and Sapin B. Decision Making as an Approach to the Study of International Politics. – New York: Free Press, 1954.- 238 pp.*
8. *Valerie M. Hadson. Foreign Analysis : Actor – Specific Theory and the Ground of International Relations// Foreign Policy Analysis, 2005*